*УДК 321*
*DOI 10.24412/3005-8023-2025-3-13-18*

# *ОИД БА МАСЪАЛАИ ГЕНЕЗИСИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТ*

***Абдуллозода Шухратҷон Мирисмон,*** *муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносии ДИС ДДТТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *К ВОПРОСУ О ГЕНЕЗИСЕ ФУНКЦИЙ ГОСУДАРСТВА*

***Абдуллозода Шухратджон Мирисмон,*** *ст. преподаватель кафедры правоведения ИЭТ ТГУК (Худжанд, Таджикистан)*

# TO THE QUESTION OF THE GENESIS OF THE FUNCTIONS OF THE STATE

***Abdullozoda Shuhratjon Mirismon,*** *senior lecturer of jurisdiction of IET department under the TSUC (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *guljahon-1980@mail.ru*

*Яке аз масъалаҳои муҳимми илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, яъне функсияҳои давлат аз нигоҳи генезиси он баррасӣ шудааст. Таъкид гардидааст, ки мутахассисон бештар ба таҳқиқи функсияҳои давлат, намудҳо ва усулҳои амалигардонии онҳо машғул шудаанд, масъалаи кай, таҳти таъсири кадом омилҳо ба вуҷуд омадани функсияҳои давлат бошад ба таври бояду шояд баррасӣ нагардидааст. Ба мафҳуми функсияи давлат, пайдоиш ва ташаккули таърихии он ҳамчун ҷузъи муҳимми давлат, сабабу омилҳои ба он мусоидаткунанда равшанӣ андохта шудааст. Роҳҳои аврупоӣ ва шарқии пайдоиш ва ташаккули таърихии давлат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Зикр гардидааст, ки дар тадқиқи масъалаи мавриди таҳлил олимони аҳди шуравӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Муайян карда шудааст, ки генезиси функсияҳои давлат муддати дурударози таърихиро дар бар гирифта, оғози ҷараёни он бо аҳди қадимтарин, ки дар он шаклҳои нахустини давлатдорӣ ташаккул ёфтанд, алоқаманд мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, генезис, функсияҳо, ҷамъият, роҳи аврупоии пайдоиши давлат, роҳи шарқии пайдоиши давлат*

*Исследуется одна из важнейших проблем теории государства и права: функции государства с точки зрения их генезиса. Подчеркивается, что специалисты в основном занимались изучением функций государства, их видов и способов осуществления. Однако вопрос, когда и под влиянием каких факторов зарождаются функции государства, остается недостаточно исследованным. Раскрывается понятие “функции государства”, показано возникновение и историческое становление функций как важного элемента государства, а также причины и факторы, способствующие этому процессу. Также изучены европейский и восточный пути возникновения и исторического становления государства. Подчеркивается, что в исследование проблемы важный вклад внесли ученые советской эпохи. Определяется, что генезис функций государства представляет собой длительный исторический процесс. Начало этого процесса связано с древнейшей эпохой, в которую происходит становление первых форм государственности.*

***Ключевые слова:*** *государство, генезис, функции, общество, европейский путь возникновения, восточный путь возникновения*

*The article examines one of the most important problems of the science of the theory of state and law: the functions of the state from the point of view of their genesis. It is emphasized that experts have primarily studied the functions of the state, their types, and the methods of implementation. However, the question of when and under what influence the functions of the state emerge remains understudied. The concept of "state functions" is explored, demonstrating the emergence and historical development of functions as an important element of the state, as*

*well as the causes and factors facilitating this process. The European and Eastern paths to the emergence and historical development of the state are also examined. It is emphasized that Soviet-era scholars made a significant contribution to the study of this problem. It is determined that the genesis of state functions represents a long historical process. The beginning of this process is associated with the ancient era, when the first forms of statehood emerged.*

***Key-words:*** *state, genesis, functions, society, the beginning of the European path, the beginning of the Eastern path*

Замони муосир дар таърихи ташаккули давлат яке аз давраҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавӣ, падидаи европосентризм, паҳн шудани тамаддуни ғарбӣ, зарурати мубориза бо ҷиноятҳои трансмиллӣ, ба монанди экстремизм ва терроризм ва дигар масъалаҳои мубрами сатҳи ҷаҳонӣ имрӯз фаъолнокии бисёрҷабҳаи давлатро дар ҷомеа талаб менамоянд.

Вобаста ба ин, зарурати омӯзиши моҳият, нақш ва таъиноти давлат дар ҳаёти ҷомеа бо назардошти омилҳои ба он таъсиррасонанда ба вуҷуд омадааст. Яке аз чунин омилҳо функсияҳои давлат мебошанд, ки дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи таърихии давлат ҳамчун ҷузъи муҳими он дар шаклгирии мазмуну моҳияти давлат дар давраи муайяни таърихӣ нақши асосиро иҷро менамоянд.

Бинобар ин, тадқиқи масъалаи функсияи давлат ва хусусиятҳои генезиси он яке аз масъалаҳои мубрамро дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ташкил медиҳад.

Дар таърихи ҷомеаи инсонӣ давлат ҳамроҳи функсияҳои ба худ хос ба вуҷуд омадааст. Дар ибтидо ин функсияҳо хислат ва мазмуни содда дошта, баъдан таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла, рушди худи инсон, инкишофи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҷанг ва ғайра мазмуни мураккаб мегиранд.

Масъалаи функсияи давлат яке аз масъалаҳои асосӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Дар бораи ин масъала олимони зиёди ҳуқуқшинос, аз ҷумла, А.С. Пиголкин, А.Б. Венгеров, А.Ф. Черданцев, А.Л. Бредихин, В.В. Лазарев, В.С. Нерсесянс, В.К. Бабаев, И.Л. Честнов, Р.Ш. Сотиволдиев, С.Ҳ. Ҳасанов, Э.Б. Буризода ва дигарон фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳияи консепсия оид ба функсияҳои давлат натиҷаи ташаккул ва инкишофи илми ҳуқуқшиносии шуравӣ мебошад. Яъне, назария оид ба функсияҳои давлат маҳсули заҳматҳои олимони шуравӣ буда, илми ҳуқуқшиносии кишварҳои ғарбӣ зимни тадқиқи масоили давлат онро нодида мегирад. Чунон ки олими машҳури рус В.В. Лазарев қайд намудааст, дар илми ғарбӣ масъалаи тадқиқи функсияҳои давлат қариб ки ҷой надошта, ба ҷои он мақсад ва вазифаҳои давлат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. [8, с.281] Ба гуфти А.Л. Бредихин, афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Русияи тоинқилобӣ мафҳуми «функсияи давлат» - ро медонист, аммо назария дар бораи функсияҳои давлат дар асл дар илми ҳуқуқшиносии шуравӣ ба вуҷуд омада инкишоф ёфтааст.[3, с.29]

Функсияи давлат яке аз ҷузъҳои муҳимми сохтори давлат мебошад. Мавҷудияти давлатро бе функсияҳои он тасаввур кардан имконнопазир аст. Тавассути «зинда будани» функсияҳо давлат фаъолияти рӯзмарраи худро ҳамчун ташкилоти ҳокимияти олии сиёсӣ дар ҷамъият ба амал мебарорад. Карахтии функсияҳои давлат дар ин ё он самт аз мавҷудияти душвориҳои ҷиддии соҳаи муайян гувоҳӣ медиҳанд.

Таҳти мафҳуми функсияҳои давлат дар илми ҳуқуқшиносӣ самтҳои асосии фаъолияти давлат фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо вазифаҳои дар назди давлат ҷойдошта ҳал гардида, мақсадҳои ҷорӣ ва стратегӣ амалӣ карда мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ташаккули назария оид ба функсияҳои давлат андешаи олими намоёни давраи шуравӣ А.И Денисов назаррас аст. Ба фикри ӯ, функсияи давлат ин самти фаъолияти давлат аст, ки

дар он табиати давлат бевосита инъикос ёфта, кору бори мақомоти давлатӣ дар кадом шакле, ки набошад, зоҳир мегардад.[7, с.131]

Ба андешаи академик В.С. Нерсесянс, таҳти мафҳуми функсияҳои давлат шаклҳои асосии фаъолияти давлат фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо моҳияти давлат инъикос меёбад.[9, с.256]

Муҳаққиқони тоҷик низ таҳти мафҳуми функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти онро мефаҳманд. Аз ҷумла, С. Ҳасанов ва М. Ҳасанов чунин мешуморанд, ки функсияҳои давлат ин самтҳои асосӣ ва муҳимтарини фаъолияти он мебошанд, ки моҳият ва таъиноти иҷтимоӣ, мақсад ва вазифаҳои давлатро дар идоракунии ҷомеа ифода мекунанд.[14, с.149] Дар ин масъала Э. Буризода аз он бармеояд, ки функсияҳои давлат самтҳои муҳимтарини фаъолияти давлатро ташкил дода, айни ҳол алоқамандии онҳо бо моҳияти давлат, мавҷудияти паҳлӯҳои нави онҳо ошкор гардидааст.[2, с.142]

Р. Ш. Сотиволдиев ба муҳим будани ин масъала, нисбати он мавҷуд будани нуқтаҳои назари гуногуни олимон ишора мекунад ва функсияи давлатро ҳамчун самти муайяни фаъолияти давлат мефаҳмад, ки он баҳри иҷроиши вазифаҳои дар назди давлат ҷойдошта равона гардидааст.[11, с.423]

Ҳамин тариқ, функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти онро инъикос мекунанд. Фунсияҳои давлат заминаи иҷрои вазифаҳо, расидан ба ҳадафҳои рӯзмарра ва стратегӣ мебошанд. Бинобар ин, онҳо нишона ё унсури муҳимми давлатро ҳамроҳ бо дигар нишонаҳои он ташкил менамоянд. Ба функсияҳои давлат хислати динамикӣ хос аст. Онҳо ҳамроҳ бо ташаккул ва инкишофи давлат тағйир меёбанд.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки нисбати он дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ аҳаммияти кам дода шудааст, масъалаи генезиси функсияҳои давлат мебошад. Истилоҳи генезис аз забони лотинӣ («genesis») гирифта шуда, маънои оғоз, пайдоиш, тавлидшавӣ, ҳастӣ ва мавҷудиятро дорад. Яъне, генезиси функсияҳои давлатро ба маънои қонуниятҳои пайдоиш ва ташаккули таърихии функсияҳои давлат фаҳмидан мумкин аст.

Омӯзиши муфассали ин масъала қариб ки дар тадқиқотҳои олимон дида намешавад. Дар аксари тадқиқот сухан асосан дар бораи фаҳмиши функсияҳои давлат, намудҳо ва усулҳои амалигардонии онҳо рафта, аммо проблемаи кай, таҳти таъсири кадом омилҳо ба вуҷуд омадани функсияҳои давлат қариб ки баррасӣ нагардидааст. Албатта, баъзе олимон ба хислати эволютсионӣ ва динамикӣ доштани функсияҳои давлат ишора кардаанд. [12, с.69; 15, с.35] Лекин тадқиқи мустақилонаи масъалаи марбут ба генезиси функсияҳои давлат имрӯз аҳаммияти баланди актуалиро соҳиб аст. Зеро, омӯзиши ин масъала барои хуб дарк намудани ҷараёни эволютсияи давлат, мазмуну моҳияти он, таъинот, нақш ва иқтидори давлат дар ҳаёти ҷомеа, шаклҳои гуногуни фаҳмиши давлат дар давраҳои гуногуни ташаккули таърихии инсоният мусоидат хоҳад кард.

Аз ин рӯ, дар тадқиқоти ҳозир мо кӯшиш намудем то ба ин масъала равшанӣ андозем.

Генезиси функсияҳои давлат таърихан бо генезиси худи давлат мувофиқ буда, он ҷузъи муҳимми ҷараёни пайдоиш ва инкишофи давлат аст.

Айни ҳол дар адабиёти илмӣ ду роҳи пайдоиш ва ташаккули таърихии давлат муайян шудааст: 1) роҳи аврупоӣ, ки он дар тамоми тадқиқоти илмӣ ва китобҳои дарсии давраи шуравӣ инъикос ёфта буд (назарияи марксистӣ-материалистӣ); 2) роҳи шарқӣ, ки бо назария таҳти унвони «тарзи осиёгии истеҳсолот» машҳур гардидааст.

Назар ба роҳи аврупоӣ роҳи шарқии генезиси давлат давраи тӯлонии таърихиро фаро гирифта, ибтидои он ба аҳди қадимтарин рафта мерасад.

Хусусиятҳои пайдоиш ва ташаккули таърихии давлат, ки дар роҳҳои аврупоӣ ва шарқӣ ҷой доштанд, албатта дар пайдоиш ва шаклгирии функсияҳои давлат таъсири ҷиддии худро гузоштаанд.

Қонуниятҳо ва сабабҳои пайдоиши давлат дар Аврупо, ки бо инқилоби неолитӣ,

тақсимоти бузурги меҳнат дар ҷамъият, пайдоиши моликияти хусусӣ ва синфҳои оштинопазир алоқаманд карда мешаванд, дар ниҳоят барои пайдоиши давлат бо мазмун ва моҳияти синфӣ оварда мерасонанд. Нахустин самтҳои асосии фаъолияти чунин давлат дар таъмини сулҳу салоҳ байни синфҳои ба ҳам зид, ҳифзи моликияти хусусӣ, дар тобеият нигоҳ доштани синфҳои поёнӣ, бурдани ҷангҳо ва ғайра дида мешуданд.

Дар кишварҳои Шарқи Қадим давлат дар шароити ҷамъияти бесинф, дар натиҷаи мунтазам иҷро намудани корҳои бузурги ҷамъиятӣ (дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани низоми объёрии сунъӣ) ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин, функсияҳои давлати навтаъсисёфта ба миён меомаданд. Аз ҷумла, муҳаққиқон ба функсияҳо дар самти иҷрои корҳои ҷамъиятӣ, молиявӣ ва ҳарбӣ ишора мекунанд.[5, с.6]

Аз дигар ҷониб, бояд дар назар дошт, ки бисёре аз функсияҳои дар ҷамъияти ибтидоӣ мавҷудбуда, ба монанди таъмини авлод ва қабила бо озуқа, дифои авлод ва қабила аз хавфҳои беруна, бурдани ҷанг ва ғайра бо таназзул ёфтани ҷамъияти ибтидоӣ аз байн нарафта, ба зинаи нави инкишофи худ дар шароити пайдоиш ва мавҷудияти давлат ворид шуданд. Яъне, онҳоро давлати таъсисёфта азхуд намуд. Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки функсияҳои давлат ҳамроҳ бо пайдоиши давлат яку якбора дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеоянд. Сароғози нн ҷараён бо давраҳои дарозмуддати эволютсияи таърихии инсон алоқаманд мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин, А.Н. Васенина қайд мекунад, ки функсияҳои давлат ба таври объективӣ аз шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар шароитҳои хаёти ҷамъият вобаста мебошанд. [6, с.20]

Чунон ки маълум аст, таърихи инсоният се давраи асосии ташаккули онро фаро мегирад: 1) давраи ваҳшигарӣ, 2) давраи ҷаҳолат, 3) давраи тамаддунӣ. Бо назардошти ин метавон гуфт, ки омили асосии муайянкунандаи пайдоиш ва ташаккули минбаъдаи функсияҳои давлат худи инсон буд, ки бо хислатҳои гуногун ва хосаи худ табиат ва зарурати функсияҳои аввалини давлатҳои навтаъсисро муайян мекард. Дар ин самт А Ф. Черданцев андешаро дар бораи аз табиат ва эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ибтидо гирифтани функсияҳои давлат баён менамояд. [16, с.113]

Муҳаққиқон Л.С. Василев [4, с.157-175], В.П. Алексеев ва А. Першиц [1, с.257-258] се зинаи давлатҳои ибтидоиро фарқ мекунанд: 1) пешвоӣ, 2) прото-давлат, 3) давлати бармаҳал. Дар ин зинаҳо мувофиқ ба сатҳи инкишофи онҳо нахустин функсияҳои давлатӣ мавҷуд буданд. Аз ҷумла, функсияҳои ҷамъоварии андоз, ҳифзи моликият, татбиқи адолати судӣ, мудофиавӣ, алоқа бо дигар давлатҳо ва ғ.

Чунон ки муҳаққиқон қайд мекунанд, шаҳр-давлатҳои нахустин, ки шакли бармаҳали ташкилоти давлатии ҷомеа буданд, аввалин шуда иҷрои функсияҳои иҷтимоии аҳаммияти умумидошта, аз ҷумла, мудофиа, ҳифзи саломатӣ, экологӣ, таъмини фаъолияти иқтисодиёти истеҳсолкунандаро ба зиммаи худ гирифтанд. [13, с.140]

Ба ҳамин тарз, тадқиқи масъалаи генезиси функсияҳои давлат моро ба чунин андеша меорад, ки функсияҳои давлат ҳамроҳ бо худи давлат таърихи дурудароз доранд. Ибтидои генезиси функсияҳои давлат бо ташаккули худи инсон, ҷомеа ва эҳтиёҷоти дар заминаи он бавуҷудомада алоқаманд аст.

Бояд гуфт, ки сабабҳои асосии пайдоиши давлат минбаъд ба заминаҳои пайдоиши функсияҳои нахустини давлат мубаддал мешаванд. Масалан, тақсимоти бузурги меҳнат, пайдоиши моликияти хусусӣ, синфҳои алоҳидаи иҷтимоӣ минбаъд барои ба вуҷуд омадани чунин функсияҳо, аз қабили функсияи иқтисодӣ, функсияи ҳифзи моликият, функсияи таъмини тартибот дар ҷомеа оварда мерасонанд. Мутафаккири машҳури англис Томас Гоббс чунин андеша дошт, ки сабаби пайдоиши давлат ин аз байн бурдани ҷанги ҳама бо ҳама буд. [10, с.70] Агар ин андешаи мутафаккирро ба назар гирем, пас дар заминаи ин сабаб функсияи давлат оид ба таъмини сулҳу субот ва амният дар ҷомеа ба вуҷуд меояд.

Функсияҳои давлат вобаста ба омилҳои фарҳангӣ-таърихӣ, зинаҳои гуногуни

ташаккули таърихии давлат тағйир меёбанд. Аммо дар ҳар навъи таърихии давлат (ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ, сотсиалистӣ) функсияҳои аслии аз қадим бо давлат зич алоқаманд ҷой доранд, ки онҳо мазмуни асосии худро нигоҳ дошта, танҳо шаклан ташаккул меёбанд. Масалан, функсияҳои мудофиавӣ, иқтисодӣ, татбиқи адолати судӣ ва ғ.

Дар аҳди қадим новобаста аз он ки давлатҳои пешрафта, ба мисли Мисри Қадим, Бобулистони Қадим, Хитойи Қадим, Юнони Қадим, Рими Қадим ва ғайраҳо мавҷуд буданд, функсияҳои давлат дар муқоиса бо давлатҳои минбаъда хислати содатар доштанд. Аз ин рӯ, дар ҳар давраи таърихии ташаккули ҷомеа ва давлат функсияҳои давлат низ мувофиқ ба шароитҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ инкишоф меёбанд. Чунин инкишоф маънои онро дорад, ки функсияҳои давлат аз нигоҳи сохтор, шакл ва мазмуни худ мураккабтар мешаванд.

Хулоса, генезиси функсияҳои давлат ҷараёни тӯлонии таърихиро фарогир буда, ибтидои он бо замони таназзулёбии ҷомеаи ибтидоӣ алоқаманд аст. Лозим ба ёдоварист, ки сароғози таърихи баъзе функсияҳои давлат, хусусан, функсияҳои мудофиавӣ, иқтисодӣ, коммуникатсионӣ ва дигар функсияҳо ҳанӯз бо давраи ҷомеаи ибтидоӣ алоқаманд мебошад. Чунин функсияҳоро дар низоми функсияҳои давлат метавон функсияҳои қадимтарини давлат номид.

Бояд гуфт, ки генезиси функсияҳои давлат қонуниятҳои умумии ба худ хос дорад, ки онҳо дар ҳар гӯшаву канори олам як хел ба назар мерасанд. Масалан, дар аҳди ғуломдорӣ баланд шудани нақши функсияҳои забткорӣ ва мудофиавии давлат дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, дар аҳди феодалӣ пурзӯр шудани функсияҳои теократӣ-идеологии давлат ва ғ.

Ҳамин тариқ, генезиси функсияҳои давлат ҷараёни тӯлонии ташаккул ва инкишофи таърихии функсияҳои давлатро дар бар гирифта, айни ҳол он ба охир нарасида, давом дорад. Ба ҷараёни генезиси функсияҳои давлат омилҳои гуногун, аз ҷумла, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, геосиёсӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонанд. Таҳти таъсири омилҳои номбурда функсияҳои давлат ташаккул ва инкишоф ёфта, дар давраи таърихии муайян мазмуну сохтор ва механизми ба худ хосро соҳиб мешаванд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Алексеев В.П., Першиц А.И. История первобытного общества. – Москва, 1999. – 354 с.*
2. *Буризода Э.Б. Масоили назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат /Муҳаррири масъул д.и.ҳ. Зоир Ҷ.М. Нашри 2. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2021. – 224 с.*
3. *Бредихин А.Л. Функции государства: генезис концепции //Сетевой научно-теоретический журнал частного и публичного права. – 2023. - №2 (22). – С. 29-33.*
4. *Васильев Л.С. Прото-государство – чифдом как политическая структура //Народы Азии и Африки. – Москва, 1981. - №6. – С.157-175.*
5. *Всеобщая история государства и права. Учебник для вузов в двух томах. Том 1. Древний мир и Средние века /Под ред. В.А. Томсинова. – Москва: ИКД «Зерцало-М», 2011. – 640 с.*
6. *Васенина А. Н. Информационная функция современного Российского государства: …дисс. канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2007. – 218 с.*
7. *Денисов А.И. Основы марксистско-ленинской теории государства и права: курс лекций. – Москва, 1948. – 470 с.*
8. *Лазарев В.В. Общая теория права и государства. Учебник /Под ред. В.В. Лазарева. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юристъ, 1996. – 472 с.*
9. *Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. Учебник для юридических вузов и факультетов. – Москва: Норма (Издательская группа НОРМА-ИНФРА - М), 2001. – 552 с.*
10. *Обидов Д.С. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ (курси мухтасари лексияҳо). Дастури таълимӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2025. – 164с.*

*11. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷ.1. – Душанбе: Империал-Групп, 2010 – 484 с.*
*12. Теория государства и права. Учебник / Под ред. В.К. Бабаева. — Москва: Юристъ, 2003. – 592 с.*
*13. Теория государства и права. Учебник /Пиголкин А.С., Головистикова А.Н., Дмитриев Ю.А., Саидов А.Х., /Под ред. А.С. Пиголкина. – Москва: Юрайт-Издат, 2006. – 613 с.*
*14. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқукқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: ШАХ, 2005. – 412 с.*
*15. Честнов И. Л. Теория государства и права. Учебное пособие для бакалавриата. Ч.1. Теория государства / И.Л. Честнов. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский юридический институт (филиал) Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации, 2016. – 92 с.*
*16. Черданцев А.Ф. Теория государства и права. Учебник для вузов. - Москва: Юрайт-М, 2002. – 432 с.*

## *REFERENCES:*

*1. Alekseev V.P., Pershits A.I. The History of Primitive Society. – M., 1999. – 354 pp.*
*2. Burizoda E.B. The Issues of General Theory of Law and State /Chief-in-editor D.I.Kh. Zoir. L.M. Found 2. – Dushanbe: “Find Muboris”, 2021. – 224 pp.*
*3. Bredikhin A.L. Functions of the State: The Genesis of the Concept // Network scientific and theoretical journal of private and public law, 2023. – No. 2 (22). -29-33 pp.*
*4. Vasiliev L.S. Protoy-State-Chifd as a Political Structure // Peoples of Asia and Africa. – M., 1981. – No. 6. -157-175 pp.*
*5. The Universal History of the State and Law. Textbook for universities in two volumes. Volume 1. The Ancient World and the Middle Ages /Ed. V.A. Tombsinova. -M.: ICD «Mirtsalo-M», 2011.-640 pp.*
*6. Vasenina A.N. Information Function of the Modern Russian State: ...diss. candidate of legal sciences. – Nizhny Novgorod, 2007. – 218 pp.*
*7. Denisov A.I. Fundamentals of the Marxist-Leninist Theory of State and Law: a course of lectures. – M., 1948. – 470 pp.*
*8. Lazarev V.V. General Theory of Law and State: Textbook /Ed. V.V. Lazarev. – 2nd ed., Refined. And add. – M.: Lawyer, 1996. – 472 pp.*
*9. Nersesyans V.S. General Theory of Law and State. Textbook for legal universities and faculties. – M.: Publishing House Norma (Publishing Group Norma -infra – m), 2001. – 552 pp.*
*10. Obidov D.S. The History of Political and Legal Grounds (lecture course). Textbook. – Khujand: Dabir, 2025. – 164 pp.*
*11. Sotivoldiev R.Sh. Theoretical Problems of State and Law. Textbook. L.1. - Dushanbe: “Imperial Groups”, 2010-484 pp.*
*12. Theory of State and Law: Textbook / Ed. V.K. Babaeva. – M.: Lawyer, 2003. – 592 pp.*
*13. Theory of State and Law: Textbook /Pigolkin A.S., Golovistikova A.N., Dmitriev Yu.A., Saidov A.Kh., /Ed. A.S. Pigolkina. -M.: U-write Izdat, 2006. - 613 pp.*
*14. Khasanov S., Khasanov M. State and Law Theory. Textbook. – Khujand: Publishing house «Shah», 2005. – 412 pp.*
*15. Chestnov I. L. Theory of State and Law: a textbook for Bachelor. Part 1. The theory of the state / I.L. Honest. – Saint-Petersburg: St. Petersburg Law Institute (branch) of the Academy of the General Prosecutor's Office of the Russian Federation, 2016. – 92 pp.*
*16. Cherdantsev A.F. Theory of State and Law: a textbook for Universities. – M.: 2002.- 432p.*